**ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004- И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА PhD,**

Парвандаи аттестатсионии №35

Хулосаи шӯрои диссертатсионӣ аз 29.02. с 2020, суратҷаласаи №35 оид ба Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD.

Диссертатсия дар мавзӯи “Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия, барои ҳимоя қабул шуд аз санаи 27-уми ноябри соли 2019, протоколи маҷлис №40 аз тарафи шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17), ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.05.2017с., №67 таъсис ёфтааст, қабул гардидааст.

Докторант Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23-юми августи соли 1991 дар ш. Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2013 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (Бохтар) ба номи Н.Хусрав бо ихтисоси «Фаъолияти бонкӣ» бо дипломи «аълочӣ» хатм намудааст. Аз соли 2013-2015 магистри кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (Бохтар) ба номи Н.Хусрав, аз соли 2016-2019 докторанти кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ва аз соли 2019 то ин ҷониб муовини декан оид ба таълим дар шуъбаи ғоибонаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар пояи кафедраи молияи ДМТ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ:**

**Султонов Зубайдулло Султонович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия;

**Шарипов Бахром Маҳмудович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, корманди пешбари илмии шуъбаи тадқиқотҳои назариявӣ ва таърихию иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи мусбии худ, ки кафедраи фаъолияти бонкии

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонзода Ф.Х. ба имзо расидааст, қайд шудааст, ки диссертатсияи илмии Мирзоев С.С. дар мавзӯи "Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон" ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои доктор PhD аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия, аз рӯи навгонии таҳқиқот ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти ихтисоси 6D050900- Молия иҷро гардида, бо қисми 10. - Бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии дигар, банди 10.1. - ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, банди 10.5. - устувории низоми бонкӣ ва стратегияи рушди он, банди 10.18. - муаммоҳои барқароркунӣ ва инкишофи низоми бонкии ҶТ мувофиқат менамояд.

Докторант 9 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 1.9 ҷ.ч чоп намудааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудааст.

**Рӯйхати корҳои аз рӯйи мавзӯи диссертатсия нашршуда:**


1. Мирзоев С.С., Бердиев Р.Б. Якчанд сухан аз таърихи пайдоиши бонкҳо.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2017. - №2/1. - С. 18-20; (0,2ҷ/ч) (бо ҳаммуаллифӣ, бо муаллиф-0,1 ҷ/ч).
2. Мирзоев С.С., Ғаюров Ғ.Ҳ., Одинаев С.П. Истифоданамоии самараноки менеҷменет (мудирият) дар сохтори бонкии муосир.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2017. – №2/3. - С. 33-37; (0,3ҷ/ч) (бо ҳаммуаллифӣ, бо муаллиф-0,15 ҷ/ч).
3. Мирзоев С.С. Современное состояние банковской системы Республики Таджикистан. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2017. - №2/5. Қисми II. - С. 66-69; (0,25 ҷ/ч).
4. Мирзоев С.С., Улугходжаева Х.Р. Современное состояние коммерческих банков Республики Таджикистан / Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2018. - №10. - С. 23-27; (0,3ҷ/ч).
5. Мирзоев С.С., Улугходжаева Х.Р. Факторы, влияющие на финансовую устойчивость коммерческих банков Республики Таджикистан. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2019.-№2.-С.5-8; (0,25 ҷ/ч).

6. Мирзоев С.С. Устувории молиявии бонк ва омилҳои ба он таъсиррасонанда дар шароити муосир.//Иқтисодиёти Тоҷикистон.– Душанбе: 2019. – №4. - С. 33-37; (0,3ҷ/ч).

7. Мирзоев С.С., Ғаюров Ғ.Ҳ. Навоварӣ (инноватсия) ва аҳамияти он дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ назариявии кафедраи иктисодиёти ҷаҳон ва МИБ - и ДМТ, дар мавзӯи «Рақобатпазирии иқтисодиёти милли ва роҳҳои баландбардории он дар шароити ҷаҳонишави», 15-уми апрели соли 2017. – С.51-55. (0,38ҷ/ч) (бо ҳаммуаллифӣ, бо муаллиф-0,18 ҷ/ч).

8. Мирзоев С.С., Гаюров Г.Х. К вопросу исследования теоретических аспектов финансовой устойчивости кредитных организаций // Материалы круглого стола на тему: «Финансово-кредитная политика Республики Таджикистан: результаты и преспективы»,7 декабря 2017 года. – С.20-23. (0,25ҷ/ч) (бо ҳаммуаллифӣ, бо муаллиф-0,125 ҷ/ч).

9. Мирзоев С.С. Асосҳои назариявии устувории молиявии низоми бонкӣ// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ, дар мавзӯи «Масоили муҳими такомул ва рушди аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», 28-30-уми июни соли 2019. Душанбе, С.271-274. (0,25ҷ/ч).

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо ворид гардидаанд, аз:**

1) доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба робитаҳои байналхалқии ДДТТ Аминов И. бо эродҳои зерин:

- муаллиф дар саҳифаи 12-уми автореферат оиди вазъи сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, лекин қисми фаъолияти самаранокии бонкҳо оварда нашудааст;

- дар саҳифаи 15, расми 3 муаллиф оиди динамикаи тағйирёбии ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддатро баҳогузорӣ намудааст, вале муаллиф сатҳи самаранок истифодабарии захираҳои қарзиро нишон надодааст;

2) доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризоқулов Т.Р. бо эродҳои зерин:

- муаллиф дар саҳифаи 9, расми 1-уми автореферат оиди омилҳои таъсиррасонанда ба суботи молиявии бонкҳоро овардааст, лекин қисми вобастагии ин омилҳо дар расми мазкур инъикос нагардидааст;

- дар саҳифаи 11, расми 2-юм муаллиф оиди хавфҳои низоми бонкҳои тиҷоратиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, вале моҳияти хавфҳои баррасигардида дарҷ нагардидаанд;

3) доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав Садриддинов Н.Т. бо эродҳои зерин:

- муаллиф дар саҳифаи 5-уми автореферат яке аз элементҳои асосии навгонии илмиро пешниҳоди моҳияти “устувории молиявӣ” баён намудааст, ки ин барои таҳияи навгонии илмӣ дар рисолаи илмӣ чандон мувофиқ нест;

- дар саҳифаи 15, расми 3 оиди динамикаи тағйирёбии ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат оварда шудааст, вале сарчашмаи ин нишондиҳандаҳо дар автореферат инъикос нагардидааст;

4) доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Ж.Баласагина Саякбаева А.А. бо эродҳои зерин:

- хуб мешуд, агар муаллиф дар кор чанбаи методологии интихоби таҳлили субъектони муайяни иқтисодиро дида мебаромад;

- баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳо, ки нуқтаи назари муаллиф мебошанд, баҳсталаб аст, ба монандӣ бандҳои 8 ва 9-уми саҳифаи 25-уми автореферат;

5) номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нурализода А.Н. бо эродҳои зерин:

- муаллиф дар саҳифаи 22, расми 4-уми автореферат оиди коркарди давраҳои консепсияи рушди бонки тиҷоратиро нишон додааст, лекин роҳҳои тадбиқи ин давраҳо дар автореферат инъикос нагардидааст;

- дар саҳифаи 24-ум муалиф моҳияти иқтисодии устувории молиявиро пурра шарҳ додааст, ки каме баҳсталаб ва носаҳеҳ ба назар мерасад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат мебошанд. Эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти иҷронамуда аз ҷониби докторант**:

- **коркарди** таҳлилҳои назариявӣ ва муайян намудани роҳҳои такмили заминаи назариявӣ-методологии устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон, шарҳи категорияи устувории молиявӣ, ки мафҳуми устуворӣ падидаи муносибатҳои низоми бонкӣ буда, таъминкунандаи нишондиҳандаҳои иқтисодии суботи молиявии бонк мебошад;

- **асосноккунии** истифодаи роҳу усулҳои имконпазир оид ба самаранокии захираҳои молиявии бонкӣ ва нақши онҳо дар низоми бонкии кишвар, арзёбии ҳолати устувории молиявии бонкҳо, тамоюли истифодаи захираҳои молиявию қарзӣ дар рушди низоми бонкӣ;

- **исботи** илмӣ оид ба таъмини рақобатпазирии байнибонкӣ ва шафофияти он дар фаъолияти бонкҳо, ҳамзамон боварӣ ба бахши бонкӣ аз ҷониби сармоягузорон, қарздиҳандагон ва ҳиссагузорон (пасандозгузорон) илман асоснок ва пешниҳод гардидааст.

- **коркарди** консепсияи пешниҳодгардидаи модели вобастагии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот асоснок шудааст, ба он хотир, ки:**

- **исбот карда шуд**, ки баландбардории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо идоракунии босифати (менеҷмент) низоми бонкӣ алоқаманд мебошад. Дар баробари ин, роҳҳои беҳтарсозии сифати идоракунӣ, коркарди банақшагирӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳо рушди бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод гардидааст;

- **асоснок шудаст,** ки низоми фаъолияти бонкии кишвар эҳтиёҷ ба таҳияи низоми муосири идоракунии устувории молиявӣ мебошад, алгоритми низоми идоракунии муосир тартиби фаврӣ такмилдиҳии ҷараёнҳо ва тартиботи идоракунии сармоя, фоида, дороиҳо ва уҳдадориҳо, бозоргирӣ ва хавфҳоро дар бар мегирад.

- **омӯзиши андешаҳо** нисбат ба категорияи «устувории молиявӣ», имконият дод, ки мафҳуми муаллифии он пешниҳод карда шавад, ки онро бо чунин тарз низ маънидод намудан мумкин аст: «Устувории молиявии бонк ин таҷаммӯи баланди сармояи бонк, афзоиши ҳиссагузориҳои аҳолӣ дар ташаккули сарчашмаи асосии захираҳои бонкӣ, афзоишдиҳии бозоргирӣ, кифоягии сармоя ва васеъгардии бахши хизматрасонӣ мебошад».

- **азнавсозии бамаломада аз** маҷмӯи нишондиҳандаҳои базавӣ ва иловагии устувории молиявии низоми бонкӣ иборат буда, методи пурраи кофӣ ва ҳамаҷонибаи низоми фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Дар ин замина, вобастагии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз захираҳои молиявӣ илман асоснок карда шуд;

**Аҳамияти натиҷаҳои татқиқоти ба дастомадаи докторант барои таҷриба амалӣ мешаванд, барои он ки:**

- **таҳия ва ҷори намудани** механизми муосири баландбардории устувории молиявии низоми бонкӣ, таҳлили вазъи ҳозира ва идораи дурнамои он, ҳамчун ҷузъи таркибии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда дар чунин самтҳо истифода гарданд: диссертант ҳангоми таҳия намудани Дастурамали вазифавӣ “Дар бораи фаъолияти ташкилоти қарзӣ ва гузаронидани амалиёт” дар

ҶДММ ТАҚХ "Сарват М" иштирок намудааст, ки санади татбиқ аз раиси ҶДММ ТАҚХ "Сарват М" мавҷуд аст; маводҳои дисертатсионӣ ҳамчун манбаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқоти амалию назариявии низоми бонкӣ ва амалисозии ислоҳотҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон; натиҷаи татқиқот дар раванди баргузории ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани дарсҳо ва курсҳои махсуси амалию назариявӣ, ба монандӣ: «Фаъолияти бонкӣ», «Таҳлили иқтисодии фаъолияти бонкҳо», «Устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ», «Пул, қарз, бонк» ва дигар курсҳо ва курсҳои махсуси равияи иқтисодӣ донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, санади татбиқ аз донишгоҳо мавҷуд аст;

- **муайян карда шуд,** дар амалия хусусан барои муайянкунии омилҳое, ки ба такмили механизми фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонанд, фишангҳои махсуси пешгирикунанда таҳия ва пешниҳод гардид. Бояд қайд намуд, ки тавсияҳои мазкур барои баландбардории самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ нақши калидӣ доранд. Вобаста ба ин, маълумотномаи амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот аз ташкилоти амонатию қарзии хурди "Сарват М" ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

- **истифодаи** самтҳои асосии такмилдиҳии идоракунии механизми баландбардории устувории молиявии низоми бонкӣ дар бозори бонкии ҷумҳурӣ, минтақавӣ ва мувофиқати он ба нишондиҳандаҳои умумии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 муайян карда шудааст;

- **тавсияҳои мушаххас** аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба ташаккулдиҳии низоми идоракунӣ ва таҳкими устувории молиявии бонкҳо иборат аст.

**Арзёбии натиҷаҳои аниқи таҳқиқот муайян намуд, ки**:

- **назария** дар асоси муқаррароти эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон, рушди бозори бонкӣ, масъалаҳои методологии рақобат ва рақобатпазирӣ пешниҳод шудааст, ки бо ақидаҳои олимони ин равия таҳқиқот мувофиқ мебошад.

- **назарияҳои асосӣ ба таҳлил:** маводҳои аналитикии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, базаи асосии Бонки ҷаҳонӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии бонкӣ, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- **истифодаи** ғояи асосии рисола ба ақидаҳои олимони классикии соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи

пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон такя мекунад.

- **коркарди** тавсияҳо оид ба рушди ҷараёни навоварӣ дар баландбардории устувории молиявӣ; нигоҳдорӣ ва коркарди нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо; баландбардории сатҳи пардохтпазирии бонкҳо; коркарди сиёсати навоварии бонкӣ ва консепсияҳои рушди низоми бонкӣ мебошанд.

**Саҳми шахсии докторант иборат аст, аз:**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷамъ овардани иттилоот, коркард ва аз санҷишгузаронии (апробатсия) муқаррароти асосии диссертатсия оид ба баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон.

- натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст (санади татбиқ аз тарафи ҶДММ ТАҚХ “Сарват М” аз 27.02. с. 2020. №59 ва аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 28.02. с. 2020.).

- ҷамоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ ва воқеӣ дар самти омӯзиши такмилдиҳии идоракунии механизми рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бозори агроозуқаворӣи минтақавӣ;

- омода намудани 9 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми 1,9 ч.ч, ки аз он 6 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР ба нашр расидаанд.

- гузориши натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои сатҳҳои гуногун.

Дар ҷаласа 29.02.2020 шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ба Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия, қарор қабул намуд.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои шӯро “19”- нафар, аз ҷумла “6”- нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз “19”- нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор “18”, зид “1”, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ҳ.Р. Исайнов**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **М.А. Саидмуродова**

29.02. с.2020